**«ТАСДИҚ ШУДААСТ»**
**Бо Фармони Директори генералии**
**ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»**
**____________________Раҳмонов Б.Р.**
**аз «08» ноября соли 2025, №166/25**

# ҚОИДАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ТИББӢ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Душанбе – 2025

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (минбаъд – «Қоида» ё «Қоидаи суғурта») мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

1.2. Шартҳое, ки дар Қоидаи суғурта мавҷуданд ва ба матни Шартномаи суғурта дохил карда нашудаанд, барои Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) ҳатмӣ мебошанд ва худи Қоида дар сомонаи расмии Суғуртакунанда дар шабакаи иттилоотӣ – коммуникатсионии «Интернет» бо суроғаи: www.spi.tj ҷойгир шуда бошад ё Қоида дар як ҳуҷҷат бо шартномаи суғурта ё дар саҳифаи қафои он зикр шуда бошад ва ё ба он замима карда шуда бошад. Дар ҳолати охирин ба Суғурташаванда супоридани Қоидаи суғурта ҳангоми бастани шартномаи суғурта бо қайд шудани он дар шартномаи суғурта тасдиқ карда мешавад.

1.3. Суғуртакунанда дар асоси Қоидаи суғурта Шартҳои полиси суғурта ё Иқтибос аз Қоидаи суғуртаро барои шакли (намуди) мушаххаси Шартномаҳои суғурта, ки дар асоси Қоидаи суғурта баста мешаванд, ба Суғурташавандаи мушаххас ё бахше аз Суғурташавандагон нигаронида шудаанд ва шартҳои суғуртаро инъикос менамоянд, таҳия намояд, алалхусус: субъектҳо ва объектҳои суғурта, номгӯи ҳодисаҳои суғуртавӣ, муҳлат ва тартиби пардохти мукофоти суғуртавӣ, муҳлати амали Шартномаи суғурта, тартиби муайян намудани маблағи пардохти суғуртавӣ, дигар муқаррарот, то он ҳадде, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғурта мухолифат надошта бошад. Чунин Шартҳои полис ё иқтибосҳо аз Қоидаи суғурта ба Шартномаи суғурта замима карда мешаванд ва қисми ҷудонашавандаи он мебошанд. Дар ҳолати татбиқ шудани Шартҳои полиси суғурта ё Иқтибосҳо аз Қоидаи суғурта шартномаи суғурта аз Полиси суғуртавӣ ва Шартҳои полиси суғурта ва ё Иқтибосҳо аз Қоида, ки дар Полиси суғуртавӣ ба он истинод оварда мешавад ва он қисми таркибии Шартномаи суғурта ба шумор меравад, иборат мебошад.

1.4. Суғуртакунанда ба гурӯҳҳои алоҳидаи шартномаҳои якхелаи суғурта, ки дар асоси шартҳои Қоидаи суғурта баста шудаанд, номи маркетингӣ гузорад то он ҳадде, ки ин ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунад ва бо он тартибе, ки меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

2.1. Дар Қоидаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– **фаъолияти суғуртавӣ** – фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ), ки дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **мақоми назорати суғуртавӣ** – Бонки миллии Тоҷикистон, ки вазифаҳои танзиму назоратро дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ анҷом медиҳад;

– **суғуртакунӣ** – муносибатҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои қонунии молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавии муайян аз ҳисоби фондҳои пулии аз мукофотҳои суғуртавии (мукофоти суғуртавии) пардохтшуда, инчунин маблағҳои дигари ташкилотҳои суғуртавӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ташаккул ёфтаанд;

– **азнавсуғуртакунӣ** – фаъолияти як ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба ҳимояи манфиатҳои молумулкии ташкилоти суғуртавии (азнавсуғурташавандаи) дигар, ки бо базиммагирии уҳдадориҳо аз тарафи охирин ҷиҳати анҷом додани ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) аз рӯи шартномаи суғурта алоқаманд мебошад;

– **объекти суғурта** – манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримулумулкии суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд;

– **ташкилоти суғуртавӣ** – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;

– **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;

– **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад.

– **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

– **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад;

– **тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ;

– **шахси суғурташуда** – шахси воқеӣ, ки ба фоидаи ӯ шартномаи суғуртаи шахсӣ баста шудааст ва ё шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки бо шартномаи суғуртаи ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ӯ суғурта карда шудааст;

– **мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар муҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқаррargардида пардохт намояд;

– **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

– **пардохти суғуртавӣ** – маблағи пулӣ, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба шахси суғурташуда мепардозад;

– **сирри суғуртавӣ** – сирри тиҷоратии Суғурташаванда, шахси суғурташуда ё фоидагиранда ва ё маълумоти дигар оид ба Суғурташаванда, шахси суғурташуда ё фоидагиранда, ки дар амалигардонии фаъолияти суғуртавӣ ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва шахси фаъолияти миёнаравии суғуртавиро анҷомдиҳанда (агент, брокер) маълум гардидааст;

– **шартномаи суғурта** – шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он Суғурташаванда ӯҳдадор аст мукофоти суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ ӯҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба молу мулки суғурташуда зарари воқеӣ ё зарар нисбати дигар манфиатҳои молумулкии суғурташуда расонида шудааст, бо шартнома пешбинишуда ба Суғурташаванда ё шахси сеюм (Фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, ҷуброни суғуртавиро анҷом диҳад;

– **полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани ӯҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) тасдиқ менамояд;

– **барномаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ** (Барнома) – номгӯи хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи шартномаи суғурта, ки аз ҷониби Суғуртакунанда бо ишора намудани маблағи умумии суғуртавӣ ва / ё маблағҳои ҷудогона аз рӯи ҳар як намуди кӯмак, инчунин муассисаҳои тиббӣ, ки дар он суғурташуда метавонад кӯмак гирад, пардохт мегарданд;

– **муассисаи тиббӣ** – шахси ҳуқуқӣ новобаста аз шакли ташкилӣ ҳуқуқӣ, инчунин шахсе ки бо фаъолияти соҳибкорӣ бидуни ташкил намудани шахси ҳуқуқӣ машғул аст ва ҳуқуқи қонунии пешниҳод намудани хизматрасониҳои тиббие, ки дар Қоидаҳои мазкур номбар шудаанд, дорад;

– **муассисаи тибии амбулаторӣ-муолиҷавӣ (Муассисаи амбулаторӣ-муолиҷавӣ)** – ҳар кадом муассисаи тиббӣ, ки дар он ҳар кадом хизматрасониҳои тиббӣ асосан ба Суғурташуда бидуни ҷойгиркунии шабонарузии вай дар ин муассисаи тиббӣ, амалӣ карда мешавад;

– **муассисаи тиббии статсионарӣ (Муассисаи статсионарӣ ва ё Статсионар)**– ҳар кадом муассисаи тиббӣ, ки дар он хизматрасонии тиббӣ ва ё дигар намуди хизматрасониҳо асосан ба Суғурташуда пешниҳод карда мешавад;

– **хизматрасониҳои тиббӣ** – маҷмӯи чорабиниҳое, ки хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо, чорабиниҳои ташкилӣ-техникӣ, таъминоти доруворӣ, таъминот бо маснуоти таъиноти тиббӣ доштаро дар бар мегиранд ва ба

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ҷонеъ намудани талаботҳои Суғурташудаҳо барои дастгирӣ ва барқарор намудани саломатӣ равона карда шудаанд;

– **таъминоти доруворӣ** – аз ҷониби Суғуртакунанда пардохт гардидани арзиши табобати медикоментозӣ, яъне пардохти воситаҳои доруворӣ (ва ҳангоми зарурат дастрас намудани онҳо), ки ба Барнома ворид гардидаанд ва аз ҷониби духтури муолиҷавии муассисаи амбулатории-поликлиникавӣ ва ё аз ҷониби духтури муолиҷавии муассисаи статсионарии тиббӣ таъин гардидаанд;

– **таъминот бо маводи таъиноти тиббӣ дошта** – аз ҷониби Суғуртакунанда пардохт гардидани арзиши маводи протезӣ-ортопедӣ, айнакҳо, таҷҳизоти шунавоӣ, линзаҳои васлӣ, имплантантҳо ва дигар маводҳо (ва ҳангоми зарурат дастрас намудани онҳо), ки ба Барнома ворид гардиданд ва аз ҷониби духтури муолиҷавии муассисаи амбулаторӣ поликиникӣ ва ё духтури муолиҷавии муассисаи тиббии статсионарӣ таъин гардидаанд;

– **дигар хизматрасониҳо, ҳамчун қисми хизматрасониҳои тиббӣ (дигар хизматрасониҳо)** – ин хизматрасониҳое, ки бо расонидан ва ё ташкили хизматрасониҳои тиббие, ки ба Барнома ворид гардидаанд, алоқаманд, аз он ҷумла: хизматрасониҳои хизматгузорӣ, (палатаҳои бароҳатиашон беҳтаркардашуда, ки хӯроки иловагӣ, алоқа, телевизор, компютер, яхдон, кондитсионер, душ, мабразгоҳ ва ғайраро дар бар мегиранд); хӯрока ва зист (будубош) ҳангоми табобати статсионарӣ, санаторӣ-курортӣ, агар он ба арзиши хизматрасониҳои тиббӣ ворид набошад (арзиши кати-рӯз); аз ҷониби муассисаи тиббӣ ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳои гуногун; хизматрасониҳо оиди ташкили хизматрасониҳои тиббӣ дар дигар муассисаҳои тиббӣ; хизматрасониҳои иттилоотӣ, ки бо расонидан ва ё ташкили хизматрасониҳои тиббӣ алоқамандан.

## 3. СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Тибқи Қоидаи мазкур субъектҳои суғурта Суғуртакунанда, Суғурташаванда, шахси суғурташуда ва муассисаи тиббӣ мебошанд.

## 4. ОБЪЕКТИ СУҒУРТА

4.1. Объекти суғуртаи ихтиёрии тиббӣ, ин манфиатҳои ғайримолумулкие, ки бо ба шахси суғурташуда расонидани хизмарасониҳои тиббӣ алоқаманданд, ба ҳисоб мераванд.

## 5. ҲОДИСАИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Аз рӯи Шартномаи суғурта ҳодисаи суғуртавӣ, ин ба Суғурташуда аз ҷониби муассисаи тиббӣ ва ё дигар муассисаҳои тиббӣ расонидани хизматрасониҳои дар шартномаи суғурта ифодагашта ва пешакӣ бо Суғуртакунанда мувофиқат гашта, дар давоми муҳлати Шартномаи суғурта пешниҳод гаштани намудҳои гуногуни хизматрсониҳои тиббии пулакӣ, ки дар «Барномаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ» ишорагашта дар алоқамандӣ бо пешгирии беморӣ, бемории сахт, бемориҳои доимӣ, хуруҷ гирифтани онҳо, ҷароҳат (аз он ҷумла сӯхтан, сармо задан), заҳрнок шудан,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАЗӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ҳомиладор шудан ва ғайраҳо, дар натиҷаи онҳо хароҷоти пардохти чунин хизматрасониҳоро ба миён меоранд.

## 6. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Суғуртакунанда хизматрасониҳои аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ ба Суғурташуда расонидаро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ аз рӯи ҳаҷми дар Барномае, ки қисми ҷудонопазирии Шартномаи суғурта мебошад, ишора гардидааст, ташкил ва пардохт менамояд.

6.2. Шартномаи суғурта метавонад дар асоси якчанд Барномаҳо ба имзо расида бошад, ки онҳо хизматрасониҳо ва ҳаҷмҳои гуногуни тиббиро дар бар мегиранд: статсионарӣ, амбулаторӣ – поликлиникавӣ, ёрии таъҷилии тиббӣ, инчунин ёрӣ бо доруворӣ.

6.3. Барномаҳое, ки расонидани ёрии амбулаторӣ – поликлиникии хизматрасониҳои тиббиро пешбинӣ менамоянд, метавонанд хизматрасониҳои ҷудогона ва ё тамоми намудҳои хизматрасониҳои тиббиро дар бар гиранд: профилактикӣ, ташхисӣ-муолиҷавӣ, реабилитатсионӣ, (аз он ҷумла санаторӣ – курортӣ), протезӣ – ортопедӣ ва протези дандонӣ, ки ба худ хизматрасониҳои эҳтимолии амбулаторӣ – поликлиникии муассисаҳоро дар бар мегиранд, алалхусус: расонидани хизматрасониҳои машваратӣ, аввалиндараҷа (то ба табиб омадан), тиббӣ-санитарӣ дандонпизишкӣ; расонидани хизматрасониҳои тиббӣ ҳам дар муассисаҳои амбулаторӣ – поликлиникӣ ва ҳам дар хона ва ё дигар макони будубоши Суғурташуда, дар статсионарҳои рӯзона ва статсионарҳои муассисаҳои амбулаторӣ-поликлиникӣ (шӯъбаҳо); расонидани хизматрасониҳои машваратии тиббии муассисаи статсионарӣ тиббӣ; расонидани хизматрасонии санаторӣ-курортӣ бидуни ҷойгиркунии шабонарӯзӣ; гузаронидани мумайизаи ғайри қобили меҳнати муваққатӣ; табобати медикоментозӣ, аз он ҷумла пардохт ва/ё дастрас намудан ба Суғурташуда маснуоти таъиноти тиббӣ доштаи аз ҷониби табиб таъиншуда; расонидани хизматрасониҳои гуногуни тиббӣ ба Суғурташуда ҳангоми муроҷиати ӯ ба муассисаи тиббӣ ба назди духтури минтақавӣ ва ё оилавӣ (табиби таҷрибаи умумидошта), ба табибони тахассуси гуногундошта ва кормандони миёнаи тиббӣ; назорати диспансерӣ ва пешгирикунанда/муоинаҳои давравии шахси Суғурташуда.

6.4. Барномаҳое, ки расонидани хизматрасониҳои статсионариро пешбинӣ менамоянд (аз он ҷумла дар шароитҳои статсионарии рӯзона), метавонанд хизматрасониҳои ҷудогона ва ё тамоми хизматрасониҳоро дар бар гиранд: профилактикӣ, табобатӣ-ташхисӣ, реабилитатсионӣ (аз он ҷумла санаторӣ-курортӣ), протезӣ-ортопедӣ ва дандонӣ-протезӣ, ки ба худ чунин хизматрасониҳоро дар бар мегиранд: расонидани хизматрасониҳои статсионарии тиббӣ, ҳам ба таври таъҷилӣ ва ҳам ба таври нақшавӣ, ки аз ҷониби табибони тахассуси гуногундошта ва кормандони миёнаи тиббӣ амалӣ мегарданд; будубоши Суғурташуда дар палатаҳои бароҳатиашон гуногун; аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ пешниҳод гардидани хизматрасониҳое, ки бо табобати статсионарӣ алоқамананданд; будубоши

... ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Суғурташуда дар шӯъбаи патологияи ҳомиладорӣ; хӯрок ва нигоҳубини кормандони тиббӣ; воситаҳои доруворӣ ва дигар воситаҳои барои расонидани ёрии тиббӣ зарура; гузаронидани мумайизаи ғайри қобили амалии муваққатӣ; будубош дар статсионар бо кӯдаки яке аз волидон (хешони наздик ва ё васӣ); расонидани хизматрасонии тиббӣ ҳангоми бистарӣ гардидан бо мақсадҳои гузаронидани табобат ва реабилитатсияе, ки назорати шабонарӯзии тиббиро талаб намекунад, инчунин дар статсионарҳои (шӯъбаҳо, палатаҳо) будубоши муассисаҳои тиббӣ. Барномаҳое, ки расонидани хизматрасониҳои статсионарии тиббиро пешбини менамоянд, метавонанд пардохт ва/ё дастрас намудани доруворихои аз ҷониби табибон ба Суғурташуда таъингашта, пардохт ва/ё дастрас намудани маснуоти таъиноти тиббидоштаи аз ҷониби табибон таъингашта ба Суғурташуда, ҳангоми дар статсионар набудани онҳо метавонад пешбинӣ намояд.

6.5. Барномаҳое, ки расонидани ёрии таъҷилии тиббиро пешбинӣ менамоянд, метавонанд, ба худ равоншавии бригадаи ёрии таъҷилӣ, гузаронидани маҷмӯи ҳаракатҳои таъҷилии табобати ва зарураи ташхиси босуръати ёрии тиббии таваллуд, инчунин ҳамлу нақли Суғурташуда ба муассисаи амбулаторӣ – поликиникӣ ва статсионарӣ ва ҳангоми зарурат барои бозгашти Суғурташуда ба макони зистро пешбинӣ намоянд.

6.6. Ҳангоми ба имзо расонидани шартномаи суғурта, Суғуртакунанда ва Суғурташаванда метавонанд оиди ҳаҷми уҳдадориҳои Суғуртакунанда бо роҳи муайян намудани номгӯи бемориҳои (ҳолатҳои) аз ҷониби Суғуртакунанда пардохтшаванда, доруворихо, маснуоти таъиноти тиббӣ дошта, хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳое, ки ба Барнома ворид карда мешаванд ва онҳо намуд, ҳаҷм ва тартиби хизматрасониҳои ба Суғурташуда пешниҳодшавандаро инъикос менамоянд, амалӣ намоянд.

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Маблағи суғуртавӣ аз рӯи созиши тарафҳо барои ҳар як Суғурташуда муқаррар карда мешавад ва метавонад ҳам барои тамоми Барнома муқаррар гардад ва ё аз рӯи ҳар як беморӣ (ҳодиса), намудҳои ҷудогонаи хизматрасониҳои тиббӣ (хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо), аз он ҷумла аз рӯи таъмин бо доруворихо ва ё маснуоти таъиноти тиббӣ дошта ва ё маҷмӯи гуногуни онҳо, барои ҳар як ҳодисаи суғуртавӣ ва ё маҷмӯан дар доираи Барнома ва ё шартномаи суғурта муқаррар карда шавад.

7.2. Маблағи суғуртавӣ аз рӯи созиши тарафҳо барои ҳар як Суғурташуда муқаррар карда мешавад ва метавонад ҳам барои тамоми Барнома муқаррар гардад ва ё аз рӯи таъмин бо доруворихо ва ё маснуоти таъиноти тиббӣ дошта ва ё маҷмӯи гуногуни онҳо, барои ҳар як ҳодисаи суғуртавӣ ва ё маҷмӯан дар доираи Барнома ва ё шартномаи суғурта муқаррар карда шавад.

7.3. Дар ҳолати тағийр ёфтани арзиши хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо дар давраи амали Шартномаи суғурта, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ҳаҷми мукофоти суғуртавиро тағийр диҳад, агар дигар ҳолатҳо дар шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

7.4. Метавонад дар Шартномаи суғурта чунин пешбинӣ шуда бошад, ки мукофоти суғуртавӣ бо пардохти яквақтина ва/ё муҳлатнок бо роҳи ҳисоби ғайринақдӣ амалӣ гардад.

## 8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Меъёри тарифӣ дар асоси меъёрҳои тарифии ибтидоӣ бо дарназардошти шартҳои мушахасси суғуртавӣ муқаррар карда мешавад.

8.2. Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ, ки бояд ба Суғурташаванда аз рӯи Шартномаи суғурта пардохт гардад, Суғуртакунанда тарифҳои бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқакардашударо истифода мебарад, ки дар асоси он мукофоти аз ҳар воҳиди маблағи суғуртавӣ ситонидашаванда бо дарназардошти маълумотҳои пешниҳодкардаи Суғурташаванда оид ба хусусиятҳои хоси дараҷаи хавф муқаррар карда мешавад.

8.3. Дар баробари ин вобаста аз дараҷаи хавф (намуди фаъолияти Суғурташаванда, таърихи ба ӯ пешниҳод намудаи даъвоҳо оид ба додани товон зарар (таърихи зарар), ҳаҷм ва сохтори зарарҳои пештар баамаломада, базаи муайянкунии маблағи суғуртавӣ (меъёри ҷуброни зарар ва омилҳои дигар, ки аз тарафи Суғуртакунанда ҳангоми амалӣ намудани сиёсати андеррайтерӣ ва тарифӣ мадди назар гирифта мешавад), Суғуртакунанда ҳуқуқи ба меъёри тарифӣ аз рӯи Шартномаи мушаххаси суғурта коэффитсиентҳои тасҳеҳӣ (баланд ё паст) – ро истифода барад. Паст ё баланд намудани тарифи суғуртавӣ ҳам бо тартиби ташаккул додани истифодабарии коэффитсиентҳои тасҳеҳӣ, ҳам дар асоси нишондиҳандаҳои тахфиф ва иловакунӣ ба нархи ибтидоӣ амалӣ шуда наметавонад.

## 9. МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

9.1. Мукофоти суғуртавӣ аз рӯи созишномаи тарафҳо метавонад, ҳам ба пули сомонӣ ва ҳам ба асъори хориҷӣ муқаррар гардад. Мукофоти суғуртавии бо асъори хориҷӣ муқарраргардида, аз рӯи қурби асъори муқаррарнамуди Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи пардохт, пардохт карда мешавад, агар қурби дигари асъор аз ҷониби тарафҳо муайян нашуда бошад.

9.2. Дар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, мукофоти суғуртавӣ метавонад бо асъори хориҷӣ амалӣ гардад.

## 10. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ СУҒУРТА

10.1. Барои ба имзо расонидани Шартномаи суғурта, Суғурташаванда ба Суғуртакунанда бо ариза оиди ба имзо расонидани Шартномаи суғурта муроҷиат менамояд.

10.2. Дар аризаи барои суғуртакунӣ бояд, ки чунин маълумотҳо ишора гарданд:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.2.1. Ном, насаб, номи падар, санаи таваллуд, суроғаи пурраи макони зисти ҳақиқии Суғурташуда, дигар маълумотҳо бо талаби Суғурткунанда. Маълумотҳо дар бораи шахси Суғурташуда метавонанд ба намуди рӯйхати ба аризаи суғуртавӣ замимашаванда, ба расмият дароварда шаванд.

10.2.2. Номгӯй, суроғаи макони будубош, телефон, телефакс, маълумотҳои бонкии Суғурташаванда – шахси ҳуқуқӣ ва ё соҳибкори инфиродӣ.

10.2.3. Намуди эҳтимолии хизматрасонии тиббӣ, номгӯи хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо (барномаҳо), маблағи суғуртавӣ ва номгӯи муассисаҳои тиббӣ.

10.2.4. Мухлати ба имзорасии шартнома.

10.2.5. Дигар маълумоте, ки метавонад Суғурткунанда барои ҳалли масоили вобаста ба баста шудани шартнома дархост намояд.

10.2.6. Дигар маълумотҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

10.3. Шартномаи суғурта бе гузаронидани муоинаи тиббии Суғурташаванда (шахси суғурташуда) баста мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки аз ҷониби Суғурткунанда муайян карда шудааст. Бо талаби Суғурткунанда Суғурташаванда (шахси суғурташуда) уҳдадор аст Пурсишномаи тиббӣ ва ариза барои суғурткуниро пур намояд.

10.4. Суғурткунанда ҳуқуқ дорад маълумотеро, ки Суғурташаванда (шахси суғурташуда) ҳангоми бастани шартномаи суғурта додаст ва он барои муайян намудани дараҷаи хавфи суғуртавӣ (инчунин оиди вазъи саломатӣ) аҳамият дорад, бо роҳи ирсол намудани дархости расмӣ ба мақомотҳо ва ташкилотҳои салоҳиятдор санҷад. Дар баробари ин, Суғурташаванда (шахси суғурташуда) уҳдадор мебошад, ки ба Суғурташаванда тибқи дархости ӯ розигии хаттӣ барои гирифтани ин маълумот дар муассисаҳои тиббӣ ва дигар муассисаҳо пешниҳод намояд.

10.5. Ҳангоми ба имзо расонидани шартномаҳои суғурта (полисҳои суғуртавӣ) Суғурткунанда ҳуқуқ дорад муҳри факсимилии (бо ёрии воситаҳои нусхабардории механикӣ, электронӣ ё дигар восита) Суғурткунанда ва имзои шахсоне, ки аз номи Суғурткунанда ваколатдор мебошанд шартномаҳои суғурта, аз ҷумла тағйиру иловаҳо ва замимаҳо ба онҳоро имзо намоянд, истифода намояд.

Муҳри факсимилии Суғурткунанда ва имзоҳои шахсони ваколатдори Суғурткунанда дар шартномаҳои суғурта (полисҳои суғуртавӣ) ва замимаҳои онҳо, инчунин ҳуҷҷатҳои иловагии онҳо (мактубҳо, санадҳо, аризаҳо ва ғ.), аналоги муҳри Суғурткунанда ва имзои дастии шахсони ваколатдори Суғурткунанда мебошанд.

Аризаи суғурта ё шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ) – ро имзо намудани Суғурташаванда бо розигии ӯ барои истифодаи имзои факсимилии Суғурткунанда ҳангоми ба имзо расонидани шартномаи суғурта тасдиқ мегардад.

10.6. Ҳангоми бастани шартномаи суғурта бо шахси ҳуқуқӣ ва ҳангоми суғурткунии коллективӣ Суғурташаванда ба Суғурткунанда рӯйхати шахсони суғурташударо пешниҳод менамояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.7. Шартномаи суғурта аз санаи дар он ишорашуда қувваи қонунӣ пайдо мекунад.

10.8. Шартномаи суғурта дар намуди ҳуҷҷати ягона, ки аз ҷониби тарафҳо ба имзо расидааст баста мешавад. Созишнома оиди даровардани тағийрот ва ё бекор намудан бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷати ягона ва ё табодули ҳуҷҷатҳо ба воситаи алоқаи почтавӣ, телеграфӣ, телетайпӣ, телефонӣ, телефаксӣ, электронӣ ва дигар намудҳои алоқа амалӣ мегардад.

10.9. Баъди ба имзо расидани шартномаи суғурта, Суғуртакунанда ба Суғурташуда полиси суғуртавии тиббии суғуртаи ихтиёриро пешниҳод менамояд. Ба полис Барнома, номгӯи муассисаҳои тиббӣ ва ҳангоми зарурат дигар ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ, ки аз ҷониби тарафҳо мувофиқа шудааст (масалан, гузарнома ба муассисаҳои тиббӣ) замима карда мешаванд.

10.10. Ҳангоми аз ҷониби Суғурташуда гум карда шудани ҳуҷҷатҳои дар Қоида ишорашуда, ӯ бояд ки ба таври хаттӣ ба Суғуртакунанда барои гирифтани нусхаи ҳуҷҷатҳо муроҷиат намояд.

10.11. Шартномаи суғурта метавонад дар ҳар кадом муҳлати аз ҷониби тарафҳо мувофиқашуда ба имзо расад.

10.12. Шартномаи суғурта нисбати Суғурташуда дар чунин ҳолатҳо қатъ мегардад:

10.12.1. Дар ҳолати ба итмом расидани муҳлати амали Шартномаи суғурта.

10.12.2. Дар ҳолати марги шахси суғурташуда.

10.12.3. Бо талаби Суғуртакунанда – дар ҳолати пардохт нагардидани мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи Шартномаи суғурта, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қоида.

10.12.4. Бо талаби Суғурташаванда – дар муҳлати пешбининамудаи Шартномаи суғурта.

10.12.5. Бо созиши тарафҳо.

10.12.6. Дар ҳолати барҳам додани Суғурташаванда/Суғуртакунанда – шахси ҳуқуқӣ.

10.12.7. Аз ҷониби Суғуртакунанда ба пуррагӣ иҷро гардидани уҳдадориҳои шартномавӣ.

10.12.8. Дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 11. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

11.1. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

11.1.1. Аз Суғуртакунанада ташкили пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ ва пардохти онҳо, ва ё танҳо пардохтро тибқи шартҳои Шартномаи суғурта талаб намояд.

11.1.2. Дар муддати амали шартнома бо розигии Суғуртакунанда ҳаҷми уҳдадориҳои охиринро аз рӯи барномаи интихобнамудаи Суғурташаванда кам намояд ва ё зиёд кунад, ва ё номгӯи муассисаҳои тиббӣ ва /ё барномаҳоро бо роҳи ба

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

имзо расонидани созишномаи иловагӣ бо Суғуртакунанда бо аз нав ҳисоб намудани мувофиқаткунандаи имкондоштаи ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ тағийр диҳад, агар дар шартномаи суғурта дигар ҳолатҳо пешбинӣ нашуда бошанд.

11.1.3. Шартномаи суғуртаро пеш аз мӯҳлат қатъ намояд.

11.1.4. Шахси иловагиро бо розигии Суғуртакунанда аз рӯи шартномаи амалкунандаи суғурта, суғурта намояд ва ё амали Шартномаи суғуртаро нисбати қисме аз шахси Суғурташуда бо розигии онҳо қатъ намояд, агар дигар ҳолатҳо дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошанд.

11.1.5. Аз дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Шартномаи суғурта, Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бархӯрдор аст.

11.2. Суғурташаванда уҳдадор аст:

11.2.1. Ба Суғуртакунанда маълумотҳои зарурии ба шахси суғурташуда алоқамандро пешниҳод намояд.

11.2.2. Розигии шахси суғурташударо дар бораи аз рӯйхати суғурташудагон хориҷ намудан ва ё иваз намудани суғурташуда аз рӯйи шартномаи суғурта гирад.

11.2.3. Ба шахси суғурташуда шартҳои шартномаи сугуртаро фаҳмонда диҳад.

11.2.4. Мукофоти суғуртавиро дар муҳлатҳои муқаррарнамуда ва дар ҳаҷми муайяннамудаи Шартномаи суғурта пардохт намояд.

11.2.5. Дар давоми сӣ рӯз дар бораи ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ бо қайди тамоми ҳолатҳои сар задани ҳодисаи суғуртавӣ бо ҳама гуна воситаи дастрас ба Суғуртакунанда хабар расонад. Тамоми хабарҳо дар бораи ҳодисаҳое, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ доранд дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ бо имзои Суғурташаванда ё намояндаи ваколатдори ӯ, ки муфассал дар бораи тамоми ҳолатҳои сар задани чунин ҳодиса огоҳӣ дорад.

11.2.6. Дар ҳолати зиёд гаштани арзиши хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо дар давраи амали Шартномаи суғурта, бо талаби Суғуртакунанда мукофоти суғуртавиро иловатан супорад, агар дигар ҳолатҳо дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошанд.

11.2.7. Ба шахси суғурташуда ҳуҷҷатҳои зарурии дар Шартномаи суғурта ифодагаштаро интиқол диҳад ва ҳангоми гум шудани онҳо нусхаи онҳоро пешниҳод намояд, инчунин шартҳои Шартномаи суғартаро шарҳ диҳад.

11.2.8. Оиди тағийр ёфтани маълумотҳои бонкии худ, макони будубош, рақамҳои телефонҳои васлӣ ва телефаксҳо, инчунин оиди тағийр ёфтани насаб, ном, номи падари шахси суғурташуда ва макони зисти ҳақиқии ӯ, фавран ба Суғуртакунанда хабар диҳад, агар дигар ҳолатҳо дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

11.2.9. Ба Суғуртакунанда пардохти суғуртавиро (ва ё қисмати мутобиққунандаи онро) баргардонад, агар ошкор карда шавад, ки чунин ҳолате, ки аз рӯи қонунунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаи суғурта ва

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Шартномаи суғурта, пурра ва ё қисман Суғурташандаро аз ҳуқуқ ба пардохти суғуртавӣ маҳрум менамояд.

11.2.10.Дигар уҳдадориҳои дар Шартномаи суғурта, Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршударо иҷро намояд.

11.3. Суғурташуда ҳуқуқ дорад:

11.3.1. Аз Суғуртакунанда ташкил ва расонидани хизматрасониҳои тиббӣ ва пардохти онҳо ва ё танҳо пардохти хизматрасонии онҳоро тибқи шартҳои Шартномаи суғурта талаб намояд.

11.3.2. Аз Суғуртакунанда ҷуброни хароҷоти худро барои гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ талаб намояд, агар дигар ҳолат бо шартҳои Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

11.3.3. Ба Суғуртакунанда ба таври хаттӣ оиди ҳолатҳои набудан, пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди бесифати хизматрасониҳои тиббӣ хабар диҳад.

11.3.4. Ҳангоми гум кардани ҳуҷҷатҳои суғуртавӣ, нусхаи онҳоро гирад.

11.3.5. Аз дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Шартномаи суғурта, Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бархӯрдор аст.

11.4. Суғурташуда уҳдадор аст:

11.4.1. Тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои тиббиро, ки дар барнома пешбинӣ шудаанд, риоя намояд.

11.4.2. Дастурҳои табиб, ки дар рафти пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ гирифтааст, инчунин тартиби муқаррарнамудаи муассисаи тиббиро риоя намояд.

11.4.3. Пешакӣ аз вақти қабули табиб ва ё даъвати табиб ба хона, ки сабт гардида буд, даст кашад ва дар бораи чунин дасткашӣ дар муассисаи тиббӣ шарҳ диҳад.

11.4.4. Полиси суғуртавӣ ва барномаро ба шахси дигар бо ҳадафҳои аз ҷониби онҳо гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ, ки дар Шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, интиқол надиҳад.

11.4.5. Оиди тағийр ёфтани насаб, ном, номи падари худ ва ҷои зисти ҳақиқии худ фавран ба Суғуртакунанда хабар диҳад.

11.4.6. Ҳангоми гум кардани ҳуҷҷатҳои Суғуртавӣ фавран оиди он ба таври хаттӣ ба Суғуртакунанда барои гирифтани нусха муроҷиат намояд.

11.4.7. Мукофоти суғуртавиро пардохт намояд, агар чунин ҳолат дар Шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад.

11.4.8. Дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи Шартномаи суғурта, Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

11.5. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

11.5.1. Маълумоти аз Суғурташаванда ва Суғурташуда гирифтаро тафтиш намояд.

11.5.2. То қабул намудан барои суғурта гузаронидани тамоми ташхисоти тиббии иловагиии шахси барои суғурта қабулшаванд ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳолати саломатии ӯро талаб намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.5.3. Шартномаи суғуртаро нисбати Суғурташуда яктарафа қатъ намояд, агар ӯ уҳдадориҳои дар Қоида пешбинишударо иҷро накарда бошад ва чунин иҷро накардан ба хароҷоти иловагии Суғуртакунанда оварда расонид ва ё метавонист оварда расонад, бо роҳи равона кардани огоҳиномаи мувофиқакунанда ба Суғурташаванда/Суғурташуда қатъ намояд.

11.5.4. Аз дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Шартномаи суғурта, Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бархӯрдор аст.

11.6. Суғуртакунанда уҳдадор аст:

11.6.1. Пешниҳоди хизматрасониҳои тиббие, ки дар барнома пешбинӣ шудаанд, барои шахси суғурташуда ташкил намояд ва/ё пардохт кунад, агар ин дар шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад.

11.6.2. Аз ҷониби шахси суғурташуда гирифтани доруворихо ва маснуоти таъиноти тиббӣ доштаро, ки дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, ташкил ва/ё пардохт намояд, агар ин дар шартноима суғурта пешбинӣ шуда бошад.

11.6.3. Ҳаҷм, мухлатҳо ва сифати хизматрасониҳои аз ҷониби ӯ ташкилгардидаро назорат намояд.

11.6.4. Пардохти суғуртавиро бо роҳи ба шахси суғурташуда ҷуброн намудан амалӣ гардонад, ки онҳоро ӯ барои гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ хароҷот намудааст, агар ин дар шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад, инчунин арзиши доруворихо ва маснуоти таъиноти тибби доштаи харидоринамудаи Суғурташударо, агар чунин тартиби пардохти суғуртавӣ дар шартномаи суғурта ва Барнома пешбинӣ шуда бошад, ҷуброн намояд. Пардохти суғуртавӣ дар мухлатҳои муқаррарнамудаи шартномаи суғурта баъди гирифтан ва тафтиш намудани аризаи хатии Суғурташуда, ҳисобҳои ҳақиқии пардохташуда бо ишораи муассисаи тиббӣ (дорухона ва ё дигар ташкилот), номгӯи муфассали хизматрасониҳои пешниҳодгардида (доруворихо, маснуоти таъиноти тибби дошта) ва арзиши онҳо, нисбати доруворихо ва маснуоти таъиноти тиббӣ дошта, инчунин тасдиқи иқтибоси табиби муоилиҷавии муассисаи амбулаторӣ – поликлиникавӣ ва ё статсионарӣ амалӣ карда мешавад.

11.6.5. Ба шахси суғурташуда ҳуҷҷатҳои суғуртавие, ки дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд, пешниҳод намояд, ҳангоми гум шудани онҳо – нусхаи онро пешкаш намояд.

11.6.6. Дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

## 12. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1. Барои гирифтани хизматрасониҳои дар барнома пешбинишуда (хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо, доруворихо ва маснуоти таъиноти тиббӣ дошта) шахси суғурташуда ба муассисаи тиббӣ (ташкилоти фармасевтӣ ва ё дигар ташкилот, ки доруворихо ва маснуоти таъиноти тиббӣ дошта савдо мекунанд) аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи Барнома/шартномаи суғурта муроҷиат мекунад. Ҳангоми зарурат ва аз рӯи тартиби пешбининамудаи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Барнома/шартномаи суғурта то ба муроҷиат намудан ба муассисаи тиббӣ (ташкилоти фармасевтӣ ва ё ташкилоти дигар) Суғурташуда метавонад ба ширкати Ассистентӣ, ки бо Суғуртакунанда ҳамкорӣ менамояд ва ё ба филиали Суғуртакунанда ва ё ба дигар шахсе, ки дар Барнома/шартномаи суғурта барои ташкили гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ (хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо, доруворихо ва маснуоти таъиноти тиббӣ дошта) муроҷиат намояд.

Дар ин ҳолат пардохти суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи суғурта аз ҷониби Суғуртакунанда ба намуди пардохти арзиши хизматрасониҳои тиббӣ (хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо, инчунин доруворихо ва ё маснуоти таъиноти тиббӣ дошта) бевосита (ва ё ба воситаи шахси боваринок, гумошта, далол) ба муссисаи тиббӣ ва ташкилоти дорухонавӣ аз рӯи ҳисобҳои пешниҳоднамудаи онҳо амалӣ карда мешавад. Табобати санаторӣ-курортии Суғурташуда инчунин метавонад аз ҷониби Суғуртакунанада бо роҳи пардохт намудан ба муассисаи санаторӣ-курортӣ ва ё иттиҳодияи санаторӣ-курортӣ ва ё агентии санаторӣ-курортӣ арзиши путёвка/курсовка амалӣ гардад.

12.2. Барои гирифтани хизматрасониҳои дар Барнома пешбинишуда Суғурташуда метавонад бо розигии пешакии (шифоҳӣ ва ё хаттӣ) Суғуртакунанда ба ҳар кадом муассисаи тиббӣ ва ё ташкилоти дорухонавӣ ( ва ё дигар) муроҷиат намояд ва мустақилона арзиши хизматрасониҳои тибии дар Барнома пешбинишудаи арзиши хизматрасониҳо, инчунин табобати санаторӣ-курортӣ бо роҳи гирифтани роҳхати санаторӣ-курортӣ бевосита аз муассисаи санаторӣ-курортӣ ва ё иттиҳодияи санаторӣ курортӣ ва ё агентии санаторӣ-курортӣ пардохт намояд.

Дар ин ҳолат пардохти суғуртавӣ аз рӯи шартномаи суғурта аз ҷониби Суғуртакунанда дар намуди ҷуброн намудани воситаҳои пулии шахсии Суғурташуда, ки барои гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ (хизматрасониҳои тиббӣ ва ё дигар хизматрасониҳо, харидорӣ намудани доруворихо, маснуоти таъиноти тиббӣ дошта ва ё путёвкаи санаторӣ-курортӣ) хароҷот шудаанд, дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаи тасдиқкунандаи хароҷоти сарфанамудаи Суғурташуда, амалӣ карда мешавад. Илова бар ин ҳаҷми чунин пардохт дар шартномаи суғурта/ ва ё Барнома муқаррар карда мешавад.

12.3. Ҳангоми зарурат Суғурташуда дар муддати муҳлати амали шартномаи суғурта ҳуқуқ дорад ба Суғуртакунанда барои гирифтани маълумоти барои амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои худ аз рӯи шартнома зарурӣ муроҷиат намояд.

12.4. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад пардохти суғуртавиро (пардохти арзиши хизматраоснихои тиббӣ) дар асоси чунин усулҳое, ки муассисаҳои тиббӣ ҳуқуқи истифодаашонро доранд, амалӣ намояд:

12.4.1. Барои хизматрасониҳои ҷудогона, содда, мураккаб ва/ё хизматрасониҳои маҷмӯии тиббӣ, инчунин хизматрасониҳои хизматгузорӣ, ки аз ҷониби муассисаи тиббӣ пешниҳод гардида бо пешниҳоди хизматрасониҳои пешниҳодгашта алоқаманд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.4.2. Барои шумораи кат – рӯз (ҳангоми табобати статсионарӣ ва табобати ивазкунанда), ки ба арзиши он метавонанд тамоми хизматрасониҳои тиббӣ ва ё ҷудогона, инчунин хизматрасониҳои хизматгузорӣ, ки ба Суғурташуда пешниҳод карда мешаванд;

12.4.3. Аз рӯи ҳолати ба итмом расидани хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо;

12.4.4. Аз рӯи меъёри сарикасӣ барои хизматрасонии маҷмӯии бетанаффус ва давомдор, ки аз ҷониби муассисаи тиббӣ ба Суғурташуда дар муддати муайяни вақт пешниҳод карда мешавад;

12.4.5. Дигар усулҳои аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ ва дигар ташкилотҳо пешниҳодшуда.

12.5. Суғуртакунанда бо мақсади содда гардонидани раванди пардохтҳои суғуртавӣ дар ҳолати зарурӣ метавонад, пардохтҳои суғуртавӣ то 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар асоси санадҳои суғуртавии дохилӣ (бидуни ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи мақомоти дахлдор) амалӣ намояд.

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ

13.1. Тартиби муайянкунии маблағи пардохти суғуртавӣ бо мазмуни банди мазкур муқаррар карда мешавад. Пардохти суғуртавӣ пас аз он, ки пардохти суғуртавӣ ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) мутобиқи шартҳои Шартномаи суғурта дар асоси аризаи хаттии Суғурташаванда (Фоидагиранда) оиди ҷуброни зарарҳо, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, хусусият ва ҳаҷми зарарҳо, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳаҷми зарар, санади суғуртавӣ ва ҳисобу китоби зарарҳо, пардохт мегардад.

## 14. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ

14.1. Ҳолатҳои зерин тибқи муқаррароти Қоидаи мазкур ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешаванд:

– аз ҷониби муассисаи тиббие, ки дар шартномаи суғурта ишора нагардидааст ва пешакӣ бо Суғуртакунанда мувофиқа нашудааст, ба шахси суғурташуда расонидани хизматрасонии тиббӣ;

– аз ҷониби Суғурташуда гирифтани муолиҷаи табобатӣ ва манипулятсияҳо, ҷойгиршавӣ ва ғизо дар муассисаҳои санаторӣ-курортӣ;

– бемориҳо бо норасоии музмини гурда ва ҷигар, ки усулҳои экстракорпоралии табобат ва гемодиализро талаб мекунанд;

– бемориҳои бо роҳи ҷинсӣ гузаранда, аз ҷумла венериалӣ;

– бемориҳои музмин, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин беморӣ дар марҳилаи шадид ҳамчун ҳолати ба ҳаёти бемор хавфнок эътироф шуда, бистарикунонии фавриро талаб мекунад;

– бемориҳои музмини пӯст: псориаз, экзема, аллопетсия, микозҳо;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– бемориҳои неврологӣ: бемории Алсгеймер, бемории Паркинсон, эпилепсия, полиомиелит, фалаҷи мағзи сари кӯдакон, гидроцефалия, миастения, оқибатҳои вайроншавии гардиши хун дар майнаи сар, ки пештар аз сар гузаронида шудааст, ба истисной ихтилоли шадиди гардиши хун дар майнаи сар, дарди пуршиддати норасоии вертебробазилярии артериалӣ, гипертонияи артериалӣ, кризи серебралии гипертония;

– бемориҳои сироятӣ ва паразитарӣ;

– бемориҳои системаи дилу рагҳо: нуқсонҳои модарзодӣ ва пайдошудаи дил (ба ғайр аз пролапси клапани митралӣ), нокомии дараҷаи III – IV, шаклҳои вазнини аритмияҳо (аритмияи ларзанда, ихтилоли интиқол (блокада)), кардиосклерози пас аз инфарктӣ, кардиомиопатияҳо, ки бо норасоии дил дараҷаҳои III – IV ба вуҷуд меоянд, шаклҳои пароксизмии тахиаритмия (экстрасистолияи болои меъда);

– бемориҳои эндокринӣ (бемории Аддисон, синдроми Кушинг, феохромотситома, бемории Вилсон, намуди 1 ва 2 диабети қанд, гипо ва гипергиреоз, фарбеҳӣ, ба истисной ҳолатҳое, ки авҷгирии шадид ба ҳаёти бемор таҳдид мекард ва дар беморхона бистарӣ кардани фаврӣ талаб карда мешавад (комаи гипергликемикӣ, кризи гиротоксикӣ, кризи симпатоадреналӣ);

– бо мақсади ташхис истифода бурдани манипулятсияҳои зерин: акупунктура, аурикуло, термопунктура, электропунктура, ташхиси набзии иридо ва мануалй, энергоинформатика ва ғайра;

– бурда расонидани доруворӣ ба хона, агар муқаррароти дигар дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад;

– гепатитҳои вирусӣ ва оризаҳои онҳо;

– гомеопатия, фитотерапия, терапияи биорезонанс, терапияи мануалй, сузандармонй ва рефлексӣ, табобат бо лой, гадқиқоти Фолля, терапияи инфрасадо (ИФС), муолиҷа бо об, муолиҷа бо усули хушк ва зериобии сутунмӯҳра, таҳқиқоти хун бо ултробунафш, терапияи ваакум, флойтинг, терапияи лазерӣ, ба истисной физиотабобат, озонтерапия, терапияи оксигении гипербарӣ ва нормобарӣ, терапияи гипоксӣ;

– дар алоқамандӣ бо гирифтани зарари ҷароҳатӣ ва ё дигар иллати саломатӣ, ки дар натиҷаи амали барқасдонаи суғурташуда ба миён омадааст;

– дар алоқамандӣ бо қасди худкушӣ намудани шахси суғурташуда;

– дар натиҷаи гирифтани зарари ҷароҳатӣ ва ё дигар иллати саломатӣ, ки дар натиҷаи амалҳои барқасдонаи суғурташуда ба миён омадааст ва дар алоқаи бевоситаи сабабӣ ҳодисаи суғуртавӣ мебошад.

– дар натиҷаи зери таъсири маводи мухаддир ва ё заҳролудшавӣ маст гардидани шахси суғурташуда;

– истифодаи усулҳои тибби халқӣ;

– қатъи сунъии ҳомиладорӣ (аборт) ва оқибатҳои он;

– машваратҳо ва тадқиқоти ташхисӣ вобаста ба ҳомиладорӣ ва таваллуд, табобати статсионарии патологияи ҳомиладорӣ ва акушерӣ;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– машваратҳои такрорӣ бо ҳамон як мутахассис дар клиникаҳои гуногун бе зарурати таъҷилӣ, ба истисснои ҳолатҳое, ки чунин машваратҳо дар мувофиқа бо Суғуртакунанда ташкил карда шудаанд;

– нуқсонҳои модарзодӣ ва ирсӣ дар инкишоф;

– омосҳои бадсифат ва хушсифат, равандҳои гиперпластикӣ;

– хизматрасониҳои тиббии дар Барнома ва/ё Шартномаи суғурта ишора нагаштаанд;

– осебҳои системавии бофтаи пайваидкунанда (аз ҷумла бемориҳои ревмотизм), полиартропатияи илтиҳобӣ (аз ҷумла артрити ревматоидӣ); остеоартразҳои умумӣ, полиостеоартроз; спондилити анкилозӣ (бемории Бехгерев);

– табобати вайроншавии тахтапушт;

– ташхис ва табобати безурётӣ (мардона ва занона), простатити музмин берун аз марҳилаи шадид, хизматрасониҳои марбут ба банақшагирии оила;

– ташхиси аллергия, ба истисснои санҷишҳои пӯст;

– ташхиси тиббӣ, ки бо мақсади тартиб додани маълумотномаҳо барои нигоҳдории ярок, гирифгани шаҳодатномаи ронандагӣ, ташриф овардан ба муассисаҳои тандурустӣ, дохил шудан ба муассисаҳои таълимӣ, тартиб додани маълумотномаҳо барои ба хориҷа сафар кардан гузаронида мешавад;

– терапияи машқҳо (ЛФК), физиотерапия, ҳама намудҳои маҳс, аз ҷумла маҳси табобатӣ;

– тибби пластикӣ, косметикӣ ва ё барқароркунӣ;

– хизматрасониҳое, ки бо мақсади профилактикӣ;

– хизматрасониҳои аз ҳаҷми хизматрасониҳои тиббӣ зиёд, ки дар барнома ва ё Шартномаи суғурта ишора гаштааст;

– хизматрасониҳои тиббӣ ва доруҳое, ки шахси суғургашуда бе роҳхати духтур гирифтааст;

– хоришак ва педикулез;

– ҳамаи хароҷотҳои тиббие, ки аз меъёри муқаррарнамудаи шартномаи суғурта зиёд мебошанд;

– ҳамаи хароҷотҳои тиббие, ки то оғози мухлати амал ва баъд аз анҷоми мухлати амали шатномаи суғурта амалӣ карда шудаанд;

– ҳамроҳии тиббӣ ба беморхона ва барои муоина;

– ҳодисае, ки аз ҷониби Суғуртакунанда тибқи Барнома ва ё Шартномаи суғурта пардохт намешавад;

– ҷароҳат ё бемории Суғурташуда, ки дар ҳолат ва дар натиҷаи мастии машруботӣ, нашъамандӣ, психотропӣ ё дигар воситаҳи монанд, ба вуҷуд омадааст;

14.2. Хароҷотҳои алоқаманд бо хариди чунин доруворихо:

– доруҳои пешгирии ҳомиладорӣ;

– витаминҳо;

– иловаҳои фаъоли биологӣ, иловаҳои ғизоӣ, стимуляторҳои биологӣ (масалан маҳлули женшен ва гайра), хондропротекторҳо;

– маҳсулоти анорексантӣ;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– маҳсулоти косметикӣ;

– доруҳои гомеопатикӣ;

– маводҳо аз растанӣ;

– доруҳое, ки мубодилаи моддаҳо ва таъмини энергияи бофтаҳоро беҳтар мекунанд;

– маҷмӯаҳои минералӣ, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки доруҳои калсий барои патологияи шадиди травматикӣ таъин карда мешаванд;

– доруҳои седативӣ ва психоактивӣ, доруҳои психотропӣ;

– ноотропҳо;

– доруҳои гормоналӣ ва иммуномодуляторҳо;

– ситостатикҳо, пробиотикҳо ва пребиогикҳо;

– дорувории таъиноташон барои бемориҳое, ки тибқи Қоидаи мазкур ва барномаи суғурта ҳамчун истисно муқарррар шудаанд.

14.3. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд, дар Шартномаи суғурта ҳар кадом иловаҳои дигар, истисноҳо ва аниқнамоии муқаррароти Қоида, ки аз ҷониби қонунгузории амалкунанда манъ карда нашудаанд, бо мустаҳкам намудани он дар матни Шартномаи суғурта, мувофиқа намоянд.

14.4. Тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дигар асосҳои рад намудан аз пардохти суғуртавӣ пешбинӣ гардад.

## 15. ТАҒИЙРЁБИИ ДАРАҶАИ ТАВАККАЛ

15.1. Дар давраи амали Шартномаи суғурта Суғурташаванда уҳдадор аст фавран ба Суғуртакунанда оиди тағийротҳои назарраси нисбати ҳолатҳои ба Суғуртакунанда ҳангоми бастани Шартнома хабардодашуда ва ба вай маълумшуда хабар диҳад, агар ин тағийрот тавонад ба таври арзишнок ба баландшавии хавфи суғуртавӣ (тағийрёбии ҳолатҳо арзишнок ҳисобида мешавад, агар вақте онҳо то он дараҷае дигар шудаанд, ки агар тарафҳо метавонистанд онҳоро ба таври ақлона пешбинӣ намоянд, Шартнома умуман аз ҷониби онҳо баста намешуд ва ё аз рӯи шартҳои ба таври назаррас фарқкунанда баста мешуд) таъсир расонанд.

15.2. Тағийроти назаррас ин ҳар кадом тағийроте эътироф карда мешавад, ки дар маълумотҳо дар Шартномаи суғурта ишора шудаанд (мавҷуданд), ариза барои суғуртакунӣ, инчунин дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба Суғуртакунанда ҳангоми бастан ва иҷрои Шартномаи суғурта пешниҳод гардидаанд (интиқол дода шудаанд). Ҳуҷҷатҳои дар боло ишорашуда қисми ҷудонопазири Шартномаи суғурта мебошанд. Ба чунин ҳолатҳо аз он ҷумла (аммо бе маҳдудият) васеъкунӣ, диверсификатсия ва ё тағийрёбии соҳаи фаъолияти Суғурташаванда (Шахси суғурташуда), ки дар Шартномаи суғурта ишора шудаанд, ворид мешаванд.

15.3. Баъди гирифтани маълумот оиди болоравии хавфи суғуртавӣ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад тағийрот дар шартҳои Шартномаи суғурта ва ё пардохти мукофоти иловагии суғуртавиро баробарҳаҷм ба болоравии таваккал талаб намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

15.4. Агар Суғурташаванда муқобили тағйироти шартҳои Шартномаи суғурта ва ё иловатан супоридани мукофоти суғуртавӣ эътироз намояд, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад бекор кардани Шартномаро аз рӯи тартиби пешбининамудаи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд. Махсусан, созишнома оиди бекор кардани Шартнома дар ҳамон шакле, ки Шартнома тартиб дода шудааст амалӣ карда мешавад, уҳдадориҳои тарафҳо аз лаҳзаи бастани созишнома оиди бекор кардани Шартнома қатъ карда мешавад, ҳангоми бекор кардани он аз рӯи тартиби судӣ– аз лаҳзаи қувваи қонунӣ гиирифтани қарори суд оиди бекор кардани Шартнома қатъ карда мешавад. Тарафҳо ҳуқуқ надоранд бозгашти он чиро ки аз ҷониби онҳо аз рӯи уҳдадориҳо то лаҳзаи бекор кардани Шартнома иҷро карда шудааст талаб намоянд, агар аз ҷониби қонун ҳолати дигар пешбинӣ нагардида бошад.

15.5. Агар Суғурташаванда ба Суғуртакунанда оиди тағйиротҳои назаррас дар мавриди ҳолатҳое, ки ҳангоми бастани Шартнома хабар дода шудааст, хабар надиҳад, онгоҳ мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад бекор кардани Шартнома ва ҷуброни зарарҳое, ки бо бекор кардани Шартнома вобастаанд, талаб намояд. Суғуртакунанда ҳуқуқ надорад бекор кардани Шартномаи суғуртаро талаб намояд, агар ҳолатҳое, ки сабаби болоравии хавфи суғуртавӣ гардидаанд, аллакай аз байн рафта бошанд.

## 16. СУҒУРТАИ ДУКАРАТА

16.1. Суғурташаванда (Фоидагиранда) уҳдадор аст тариқи хаттӣ/электронӣ дар бораи тамоми шартномаҳои суғурта, ки нисбати объекти суғурташуда аз рӯйи айнан ҳамин хавфҳо бо дигар ташкилотҳои суғуртавӣ бастааст, хабар расонад. Ҳамзамон Суғурташаванда (Фоидагиранда) вазифадор аст номгӯи дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, объектҳои суғурта ва ҳаҷми маблағҳои суғуртавиро дарҷ намояд.

16.2. Агар дар лаҳзаи фаросии ҳодисаи суғуртавӣ нисбати объекти суғурташуда дигар шартномаҳои суғурта аз рӯйи хавфҳои ҳаммонанд амал намоянд, он гоҳ Суғуртакунанда ҷуброни зарарро дар ҳаҷми мутаносиб ба нисбати маблағи суғуртавӣ аз рӯйи шартномае, ки Суғуртакунанда бастааст, ба маблағи умумӣ аз рӯйи ҳамаи шартномаҳои суғуртаи объекти мазкур, ки Суғурташаванда бастааст, пардохт менамояд.

16.3. Агар бастани якчанд Шартномаҳои суғурта нисбати объекти суғуртакардаи Суғуртакунанда аз рӯйи хавфҳои ҳаммонанд ба маблағе, ки арзиши суғуртавии он (тибқи шартномаи суғурта) барзиёд мебошад, натиҷаи амали барқасдонаи Суғурташаванда бошад, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад беэътибор донистани шартнома ва баргардонидани ҷуброни зарари бо ин амал ба ӯ расонидашударо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 17. МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

17.1. Суғурташаванда, ки бо Суғуртакунанда шартномаи суғуртаро аз рӯйи шартҳои Қоида ба имзо расонидааст, розигии худро барои коркарди маълумотҳои шахсии дар поён номбаршуда барои амалӣ намудани суғурта аз рӯйи шартномаи суғурта, аз он ҷумла бо мақсади тафтиши сифати пешниҳоди хизматрасонии суғуртавӣ ва танзими даъвоҳо аз рӯйи шартномаи суғурта, назорати шартномаи суғурта, инчунин бо мақсади хабардоркунии Суғурташаванда оиди дигар маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои Суғуртакунанда медиҳад.

17.2. Маълумотҳои шахсӣ аз инҳо иборат аст: насаб, ном, номи падар, сол, моҳ, сана ва макони таваллуд, маълумоти шиноснома, суроғаи зист, дигар маълумотҳо, ки дар шартномаи суғуртаи бо Суғурташаванда баимзорасида, ки ба маълумотҳои шахсӣ мансуб буда метавонанд.

17.3. Суғурташаванда ба Суғуртакунанда ҳуқуқи амалӣ намудани тамоми амалҳо (амалиётҳо) бо маълумотҳои шахсӣ, аз он ҷумла ҷамъ намудан, банизомдарорӣ, ҳифз намудан, аниқнамоӣ (аз нав намудан, тағйир додан), истифода бурдан, маҳкам кардан, нобуд намуданро медиҳад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад махълумоти шахсиро ба воситаи ворид намудани онҳо ба маҳзанҳои электронии маълумотҳои Суғуртакунанда коркард намояд.

17.4. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад баҳри иҷроиши уҳдадориҳои худ аз рӯйи шартномаи суғурта маълумотҳои шахсии Суғурташавандаро ба шахсони сеюм интиқол диҳад, ба шарте, ки Суғуртакунанада бо шахсони сеюми ишорашуда созишномае, ки бехатарии маълумотҳои шахсиро ҳангоми коркард ва пешгирии ифшо гардидани маълумотҳои шахсиро таъмин менамояд, дошта бошад.

17.5. Бо тасдиқ намудани гирифтани Қоида ва розӣ шудани Суғурташаванда барои коркарди маълумотҳои шахсӣ аз ҷониби Суғуртакунанда ӯ розигии худро барои коркарди маълумотҳои шахсии Суғурташаванда аз лаҳзаи ба имзо расидани шартномаи суғурта медиҳад. Розигии Суғурташаванда барои коркарди маъумотҳои шахсии ӯ аз ҷониби Суғурташаванда дар доираи мухлати муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

17.6. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад розигии худро ба воситаи тартиб додани ҳуҷҷати хаттии дахлдор бозхост намояд, ки он бояд ба унвони Суғуртакунанда бо ирсоли дархост бо огоҳиномаи дастрас намудан ва ё шахсан бо гирифтани забонхати намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда супорида шавад. Ҳангоми аз Суғурташаванда расидани аризаи хаттӣ оиди бозхост намудани маълумотҳои шахсӣ Суғуртакунанда аризаи ишорашударо ҳамчун огоҳинома оиди бозхост намудани иҷозати коркарди маълумоти шахсӣ дида мебарояд ва иҷозат аз санаи расидани аризаи ишорашудаи Суғурташаванда бозхостшуда ба ҳисоб меравад. Баъди ба итмом расидани мухлати шартномаи суғурта (аз он ҷумла ҳангоми бекор намудани он) Суғуртакунанда уҳдадор мешавад коркарди маълумоти шахсиро қатъ намояд ва маълумоти шахсии Суғурташавандаро бо расидани мухлати даъво нобуд созад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

17.7. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад ба Суғуртакунанда барои истифодаи маълумотҳои дар боло зикрёфта ҳуқуқи истифода надиҳад. Дар ин ҳолат аз ҷониби Суғурташаванда дар шартҳои махсус қайди «Ҳуқуқи истифодаи маълумотҳои шахсӣ дар доираи шартномаи мазкур пешниҳод нагардидааст» мегузорад ва ё дигар муқарраротро, ки тибқи он Суғурташаванда пешниҳоди ҳуқуқи ишорашударо рад менамояд, истифода мебарад.

17.8. Суғурташаванда инчунин ҳуқуқ дорад дар ҳар. вақт розигиро оиди коркарди маълумотҳои шахсӣ маҳдуд ва ё бозхост намояд.

17.9. Ҳангоми норозигии Суғурташаванда барои пешниҳоди маълумотҳои шахсии дар боло зикргардида, Суғуртакунанда ҳангоми ба миён омадани зарурати коркарди маълумоти шахсӣ аз Суғурташаванда розигии ӯро дархост менамояд.

17.10. Суғуртакунанда инчунин тасдиқ менамояд, ки набудани розиги Суғурташаванда барои коркарди маълумоти шахсӣ аз ҷониби Суғуртакунанда бо ҳеҷ ваҷҳ ба ҳуқуқи Суғурташаванда ва ё уҳдадории Суғуртакунанда аз рӯйи шартномаи суғуртаи баимзорасида таъсир намерасонад.

## 18. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

18.1. Баҳсҳое, ки аз шартномаи суғурта ба миён меоянд, бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.

18.2. Дар сурати ба мувофиқа наомадани тарафҳо баҳс бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба суд пешниҳод карда мешавад.

18.3. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо аз рӯйи шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоида баста шудааст, бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровларда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №1
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ

«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори генералии
ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
________________ Раҳмонов Б.Р
аз «08» ноябри соли 2025, №166/25

УСЛУБИ БАҲИСОБГИРИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФҲОИ СУҒУРТАВӢ

ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ

# 1. УСЛУБИ БАҲИСОБГИРӢ

Баҳисобгирӣ (асосноккунии иқтисодии) тарифҳои суғуртавӣ дар асоси муқаррароти Талабот нисбат ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ (минбаъд – Талабот), ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №74 аз «21» июни соли 2022 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

Услуб барои ҳисоб кардани меъёрҳои тарифи суғуртавӣ барои намудҳои хавфноки суғурта мувофиқ буда, дар ҳолатҳои зерин татбиқ карда мешавад:

Омор ё маълумоти дигар оид ба намуди суғурта мавҷуд аст, ки имконият медиҳад қиматҳои зеринро ҳисоб кунем:

- q – эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта;

$$q = \frac{M}{N} \qquad (1.1.1)$$

- S – маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта.

$$S = \frac{\sum_{i=1}^{N} S_i}{N} \qquad (1.1.2)$$

- Sb – пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта ҳангоми фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ.

$$S_b = \frac{\sum_{k=1}^{M} S_{bk}}{M} \qquad (1.1.3)$$

Дар ин ҷо: N – миқдори умумии шартномаҳои суғуртаи басшуда барои баъзе давраҳои гузашта;

M – миқдори ҳодисаҳои суғуртавӣ дар N шартномаҳо;

$S_i$ – маблағи суғуртавӣ дар вақти бастани i шартнома

i = 1, 2, ..., N.

$S_{bk}$ – пардохти суғуртавӣ дар k ҳодисаи суғуртавӣ;

k = 1, 2, ..., M.

тахмин карда мешавад, ки ягон ҳодиса харобиовар намешавад, агар як ҳодиса боиси якчанд ҳодисаҳои суғуртавӣ шавад.

Баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ дар асоси шумораи пешакӣ муайяншудаи шартномаҳо (n) ҳисоб карда мешаванд, ки бояд бо Суғурташавандагон баста шаванд.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ аз рӯи ҳаҷми тахминии амалиёти суғуртавӣ (маблағи миёнаи суғуртавӣ дар як шартнома, пардохти миёнаи суғуртавӣ, шумораи тахминии шартномаҳо ва эҳтимолияти рӯй додани ҳодисаи суғуртавӣ) ҳисоб карда шуданд.

**Меъёри холис $T_x$** аз ду қисм – қисми асосӣ Тх.ас. $T_a$ ва таваккалӣ сарборӣ Тх.тав. $T_c$.

$$T_x = T_a + T_c \qquad (1.1.4)$$

- **Қисми асосӣ меъёри холис (Тх.ас.) $T_a$** – ба пардохтҳои миёнаи суғуртавии Суғуртакунанда, ки аз эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавии q, маблағи миёнаи суғуртавии S ва

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

пардохти миёнаи суғуртавии Sv вобаста аст, мувофиқат мекунад. Қисми асосии меъёри холис аз маблағи суғуртавӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_a = 100 * \frac{S_b}{S} * q \qquad 1.1.5$$

- **Сарбории эҳтимолӣ Тн.тав.** $\boldsymbol{T_c}$ – бо мақсади ба назар гирифтани зиёд будани эҳтимолии шумораи ҳодисаҳои суғуртавӣ нисбат ба арзиши миёнаи онҳо ҷорӣ карда мешавад. Ғайр аз q, S ва $S_b$, сарбории эҳтимолӣ инчунин аз параметрҳои зерин вобаста аст: n – шумораи шартномаҳои марбут ба давраи суғурта, ки барои онҳо суғурта анҷом дода мешавад, паҳншавии миёнаи пардохти суғуртавӣ $R_b$ ва кафолати γ – эҳтимолияти зарурӣ, ки мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кифоя бошанд.

Агар ташкилоти суғуртавӣ маълумот дар бораи арзиши $R_b$ надошта бошад, метавонанд, ки сарбории эҳтимолиро бо формулаи зерин ҳисоб кунанд:

$$T_c = 1{,}2 * T_a * \alpha(\gamma)\sqrt{\frac{1-q}{x * q}} \qquad 1.1.6$$

Дар ин ҷо: q – эҳтимолияти ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ;

n – шумораи пешбинишудаи шартномаҳои суғурта.

- **Меъёри умумӣ** $\boldsymbol{T_\Delta}$ – бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_\Delta = \frac{T\text{x} * 100}{100 - f} \qquad 1.1.7$$

Дар ин ҷо: $\boldsymbol{T_x}$ – меъёри холис;

f (%) – ҳиссаи сарборӣ аз меъёри умумии тарифи суғуртавӣ.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ барои шартномаҳои суғурта ба мухлати як сол ҳисоб карда мешаванд.

Сохтори меъёри тарифҳои суғуртавӣ:

- 25,7% – меъёри холис;
- 51,6% – хароҷотҳо барои пешбурди кор;
- 4,1% – андоз аз даромад;
- 18,6% – фоида.

Баҳисобгирии сарбории эҳтимолӣ. Ташкилоти суғуртавӣ, бо эҳтимолияти g = 0,95, интизор аст, ки пардохти суғуртавии имконпазир аз мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда зиёд набошад, пас аз Ҷадвали 1 a (g) = 1,645.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Ҷадвали 1

| g | 0,84 | 0,90 | 0,950 | 0,98 | 0,9986 |
|---|---|---|---|---|---|
| **a (g)** | 1,00 | 1,30 | 1,645 | 2,00 | 3,0000 |

- **g** – кафолати эҳтимолияти зарурӣ, ки бо он мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кофӣ бошанд;
- **a (g)** – коэффисиенте, ки ба кафолати бехатарии гамма вобаста аст. Қимати онро аз Ҷадвал гирифтан мумкин аст.

## 2. ҲИСОБКУНИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФИИ ЗАМИНАВӢ

Ҳисоб кардани меъёрҳои тарифии заминавӣ дар асоси Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ, ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» (минбаъд «Қоида ё Қоидаи суғурта») амалӣ карда шудааст.

**Интихоби замина ба натиҷаҳои таҳлили ҳамаҷониба асос меёбад:**

- омори худӣ (ҳаҷми он нокифоя аст);
- омори бозор;
- баҳодиҳии коршиносии (экспертии) мутахассисони ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс».

Маълумоти ибтидоӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ ва барои муайян кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ, пардохтҳои миёнаи суғуртавӣ ва маблағи миёнаи суғуртавӣ дар асоси маълумоте, ки дар давоми фаъолияти Суғуртакунанда ва дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, аз ҷумла ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ фаъолият мекунанд, дар давоми панҷ соли охир ҷамъоварӣ шудаанд ва аз баҳодиҳии коршиносии Суғуртакунанда асос ёфтааст.

Нишондиҳандаҳои ба нақша гирифташудаи шумораи шартномаҳо (n) дар асоси шумораи пешбинишудаи (ба нақша гирифташудаи) шартномаҳои суғурта барои соли оянда муайян карда мешаванд.

Бо истифода аз натиҷаҳое, ки дар натиҷаи коркарди омор ба даст оварда шудаанд, инчунин пас аз баҳодиҳии мутавозуни ҳар як ҷузъи хавф дар хавфи умумии ҳодисаи суғуртавӣ нишондиҳандаҳои зарурӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ арзёбӣ карда шуданд.

Меъёрҳои тарифии заминавӣ бо тахминкунии тақсимоти якхелаи ҳодисаҳои суғуртавӣ ва тақсимоти муқаррарии ҳаҷми умумии пардохтҳои суғуртавӣ ҳисоб карда мешаванд.

Бо мақсади таъмини рақобатпазирии маҳсулоти суғуртавӣ ва мутобиқсозии он ба вазъи воқеии бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои тарифии ҳисобшуда тасҳеҳ карда шуданд. Дар оянда, бо ташаккули заминаи омории худии Суғуртакунанда ва зиёд шудани ҳаҷми портфели суғуртавӣ, тарифҳои мазкур мавриди бозбинӣ ва дақиқсозӣ қарор дода мешаванд.

Суғуртакунанда ҳангоми бастани шартномаи мушаххаси суғурта ҳуқуқ дорад ба меъёри ибтидоии тарифҳои суғуртавӣ вобаста ба омилҳои ба дараҷаи хавфи суғуртавӣ ва шартҳои суғурта таъсиркунанда коэффисиентҳои афзоянда ва камшавандаро татбиқ намояд:

| ОМИЛИ ХАВФ ВА ШАРТҲОИ СУҒУРТА | КОЭФФИСИЕНТҲОИ ТАСҲЕҲӢ | |
|---|---|---|
| | на кам | на зиёда |
| Меъёри тарифи суғуртавӣ барои шартномаи мушаххаси суғурта ҳамчун натиҷаи тарифи ибтидоии суғуртавӣ ва коэффисиентҳои тасҳеҳӣ ҳисоб карда мешавад. | 0,01 | 10 |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Баҳисобгирӣ ва асосноккунии иқтисодии тарифҳои суғуртавӣ барои суғуртаи ихтиёрии тиббӣ

| **Нишондиҳанда** | **Аломат [формула]** | **Суғуртаи ихтиёрии тиббӣ** |
|---|---|---|
| Баҳодиҳии эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ | q | 4,474 |
| Пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | $S_b$ | 706 |
| Маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | S | 153 911 |
| Шумораи ба нақша гирифташудаи объектҳои суғуртамешуда | n | 49 |
| Баҳодиҳии қисми асосии меъёри холис | $T_o = 100 * \frac{S_b}{S} * q$ | 2,052 |
| Дараҷаи бехатарӣ | y | 0,95 |
| Коэффисиенти бехатарӣ (миқдори яктарафаи тақсимоти муқаррарии стандартӣ аз сатҳи интихобшудаи бехатарӣ) | a(y) | 1,645 |
| Баҳодиҳии сарбории эҳтимолӣ | $T_p = 1{,}2 * T_o * \alpha(\gamma) \sqrt{\frac{1-q}{n * q}}$ | 0,510 |
| Баҳодидиҳии меъёри холис | $T_n = T_o + T_р$ | 2,562 |
| Сарборӣ | f | **74,3** |
| **Баҳодиҳии меъёри умумӣ** | $T_\Delta = \frac{T_n * 100}{100 - f}$ | **9,97** |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №2

ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

SPITAMEN insurance

**ШАРТНОМАИ**

**СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ТИББӢ**

**№_____**

**ш. Душанбе** **«___» _____ соли 20__**

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ ФС №____________ аз «___» ____________ соли 20__ фаъолият мебарад, минбаъд «Суғуртакунанда» номида мешавад, дар шахсияти Директори генералӣ ____________________, ки дар асоси Оинннома амал мекунад, аз як Тараф ва аз тарафи дигар ________________________ минбаъд «Суғурташаванда» номида мешавад, дар шахсияти _________________________________, ки дар асоси Оиннома амал менамояд, дар якҷоягӣ минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд, Шартномаи суғуртаи ихтиёрии тиббии мазкурро (минбаъд – Шартномаи суғурта ё Шартнома), дар мазмуни зер бастанд.

## 1. ШАРҲИ МАФҲУМҲО

1.1. Дар Шартномаи мазкур чунин мафҳумҳо истифода бурда мешавад:

- **объекти суғурта** – манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд.
- **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ Шартномаи суғуртаро бастааст.
- **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад.
- **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст.
- **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад.
- **тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- **пардохти суғуртавӣ** – маблағи пулӣ, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба шахси суғурташуда мепардозад;
- **мукофоти суғуртавӣ** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро Суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд.
- **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дарбар мегирад;
- **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеъае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва Шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад.
- **шартномаи суғурта** – шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он Суғурташаванда уҳдадор аст мукофоти суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба молу мулки суғурташуда зарари воқеӣ ё зарар нисбати дигар манфиатҳои молумулкии суғурташуда расонида шудааст, бо шартнома пешбинишуда ба Суғурташаванда ё шахси сеюм (Фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, ҷуброни суғуртавиро анҷом диҳад.
- **полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд.

## 2. ОБЪЕКТИ СУҒУРТА

2.1. Объекти суғурта тибқи Шартномаи суғурта манфиатҳои ғайримолумулкие, ки бо ба шахси суғурташуда расонидани хизмарасониҳои тиббӣ алоқаманданд, ба ҳисоб мераванд.

## 3. МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

3.1. Мутобиқи Шартномаи мазкур маблағи суғуртавӣ, ки дар доираи он объект суғурта шудааст _________,__ (_________________) сомонӣ ___ дирамро ташкил медиҳад.

## 4. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ ВА МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

4.1. Тарифи суғуртавӣ мутобиқи Шартномаи мазкур _____% аз маблағи суғуртавиро ташкил медиҳад.

4.2. Мукофоти суғуртавӣ мутобиқи Шартномаи мазкур ________(__________) сомонӣ _____ дирамро ташкил медиҳад.

4.3. Аз рӯзи ба имзо расидани Шартномаи мазкур мукофоти суғуртавӣ бо пули миллӣ сомонӣ дар муддати 5 рӯзи корӣ дар ҳаҷми пурра пардохт карда мешавад.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Тибқи муқаррароти боби 5 – и Қоидаи суғурта ба танзим дароварда мешавад.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 6. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

6.1. Ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо дар боби 11 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 7. ТАРТИБ ВА ШАРТҲОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Тибқи муқаррароти бобҳои 12-13 – и Қоидаи суғурта ба танзим даровarda мешавад.

## 8. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Ҳодиса ба сифати ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешавад, агар он зери таъсири боби 14 – и Қоидаи суғурта қарор гирифта бошад.

## 9. АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

9.1. Асосҳои қатъ гардидани Шартномаи суғурта дар боби 10 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 10. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

10.1. Шартномаи мазкур аз санаи ______________ соли 20_____ то санаи ________ соли ______ амал мекунад.

10.2. Баъди итмоми муҳлати амали Шартномаи мазкур, Шартнома барои соли навбатӣ бо пардохти мукофоти суғуртавӣ барои соли навбатӣ тамдид мегардад.

## 11. МАХФИЯТ

11.1. Тамоми маълумотҳое, ки дар доираи шартномаи мазкур ба тарафҳо маълум гардидаанд, махфӣ шуморида шуда, бояд дар муддати амали шартнома махфӣ нигоҳ дошта шаванд.

## 12. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

12.1. Баҳсҳое, ки аз шартномаи мазкур бармеоянд дар асоси гуфтушуниди тарафҳо баррасӣ мегарданд.

12.2. Ҳангоми бо роҳи гуфтушунид ҳал нагардидани баҳс, тарафҳо метавонанд ба суд мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муроҷиат намоянд.

## 13. ҚИСМИ ХОТИМАВӢ

13.1. Ҳамаи тағйиру иловаҳо ба шартномаи мазкур, ки хаттӣ тартиб дода шудаанд ва дар он имзо ва муҳри тарафҳо дарҷ гардидаанд, қисми ҷудонашавандаи шартномаи мазкур буда, иҷрои он барои тарафҳо ҳатмист.

13.2. Шартномаи мазкур дар ду нусха бо забони тоҷикӣ тартиб дода шуда, якнусхагӣ дар дасти тарафҳо нигоҳдошта мешаванд ва ҳар яки он қувваи якхелаи ҳуқуқӣ дорад.

13.3. Ҳолатҳои бо Шартномаи мазкур пешбининашуда тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ба танзим даровarda мешаванд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGE...

## 14. СУРОҒАИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲО

### 14.1. СУҒУРТАКУНАНДА

ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2
**РМА:**020030537
**РМБ:** 350101808
**с/ҳ:** 20202972780800000009
**Номи бонк:** ҶСП «Спитамен Бонк»
**с/м:** 20402972418081
**Телефон:** (+992) 44 601 79 97
**Сомона:** www.spi.tj
**Email:** info@spitameninsurance.com

Директори генералӣ

_______________ /__________.____./
(имзо) (ному насаб)

### 14.2. СУҒУРТАШАВАНДА:

___________________________________
**Суроға:** ___________________________
**РМА:** ______________________________
**РМБ:** ______________________________
**с/ҳ:** _______________________________
**Номи бонк:** _______________________
**с/м:** _______________________________
**Телефон:** (+992)
**Сомона:** ___________________________
**Email:** _____________________________

_______________

_______________/____________________./
(имзо) (ному насаб)

### АЛОҚА БО МО:

+992 44 601 7997 / 7979 / +992 918 20 7997

info@spitameninsurance.com www.spi.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

QR-кодро сканер намуда дар месенҷерҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба мо нависед

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №3
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

SPITAMEN insurance

**БАРНОМАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ТИББӢ**

**Ҳолатҳои суғуртавӣ**

Мувофиқи шартҳои Шартномаи суғуртаи ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» ба Суғурташуда дар ҳаҷми пешбининамудаи ин барномаи суғуртаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ, дар муассисаҳои тиббии дар барнома нишондодашуда ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, ташкил ва пардохт мекунад.

**Тартиби гирифтани ёрии тиббӣ.**

Кӯмаки тиббӣ дар муассисаҳои тиббии дар «Рӯйхати муассисаҳои тиббӣ» номбаршуда ва тибқи ҳаҷми дар барномаи мазкур пешбинишуда, расонида мешавад.

Хизматрасонӣ ба Суғурташудагон тавассути пулти тиббии ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» бо рақамҳои **+(992) 918 19 7997** сурат мегирад.

Суғурташаванда уҳдадор аст қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва реҷаи кории муассисаҳои тиббиро риоя кунад. Ҳангоми муроҷиат барои ёрии тиббӣ, Суғурташаванда (Суғурташуда) уҳдадор аст полиси суғуртавӣ (корти пластикӣ), ки аз ҷониби ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» дода шудааст ва ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро пешниҳод намояд.

ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» ҳуқуқи интихоби муассисаи тиббиро дар худ нигоҳ медорад, ки дар асоси он ёрии тиббӣ бо ин Барнома фаро гирифта мешавад.

Ҳангоми имконнопазирии расонидани хизматҳои ҷудогона аз ҷониби муассисаҳои тиббии дар Барнома муқарраршуда, ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» уҳдадор аст, ки расонидани кӯмаки монандро дар дигар муассисаҳои тиббӣ тибқи салоҳдиди худ, ташкил намояд.

Дар давоми мӯҳлати амали шартномаи суғурта, дар сурати пайдо шудани мушкилот, даъвоҳо ё номутобиқатии ёрии тиббии бо Барномаи суғурта пешбинишуда, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки бидуни тарк кардани муассисаи тиббӣ, бо ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» тамос гиред.

Дар сурати гум шудани полис, тағйир додани маълумоти шахсӣ (ном, суроға, рақами тамос), шумо бояд ба шуъбаи идораи кормандони ташкилоти худ тамос гиред.

Ҳама хизматрасониҳои тиббӣ тибқи истисноҳо аз Барномаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ расонида мешаванд.

Мавҷудияти фарогирии иловагӣ дар барномаи суғурта нисбат ба «Истисноҳо аз барномаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ» афзалият дорад.

Агар ба шахси Суғурташуда дар муассисаи тиббие, ки бо Суғуртакунанда муносибатҳои шартномавӣ надорад, ёрии тибби гирад, Суғурташуда бояд ба ташкилоти суғуртавӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд:

- ариза дар бораи пардохти суғуртавӣ;
- полиси суғуртавӣ;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- ҳисобномаи муассисаи тиббӣ (бо муҳри дахлдор бо нишон додани номи Суғурташуда, санаи бақайдгирӣ ва арзиши номгӯи хизматрасонӣ);
- ҳуҷҷатхои молиявӣ дар бораи пардохти хизматрасонии тиббии расонидашуда;
- ҳуҷҷатҳои тиббӣ (иқтибос аз таърихи беморӣ);
- дар ҳолатхои зарурӣ дигар ҳуҷҷатхои марбут ба ҳодисаи суғуртавӣ.

Дар сурати гирифтани табобат дар муассисаҳои тиббие, ки ба руйхати муассисаҳои тиббӣ дохил нашудаанд, бе огоҳ намудани Суғуртакунанда дар муҳлати муқарраргардида ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ҷиҳати гирифтани пардохти суғуртавӣ ба Суғуртакунанда, пардохти суғуртавӣ амалӣ карда намешавад.

**Барномаи маҷмӯии хизматрасонии тиббӣ**

**Рӯйхати марказҳои тиббии ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»**

**Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ:**

1. Маркази тиббии «Шифо»
2. Дармонгоҳи «Ибни Сино»
3. Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо
4. Маркази ташхиси тиббии «Ташхис»
5. Маркази тиббию эстетикии «Жасмин»
6. Маркази миллии ташхис
7. Маркази ташхисии «Нурафзо»
8. ММ «Институти гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»
9. Дармонгоҳи стоматологии «Евродент»
10. Дармонгоҳи дандонпизишкии «Family Dent»
11. Дармонгоҳи стоматологии «Smile»
12. Лабораторияи «Гемотест»
13. Лабораторияи «Diamed»
14. Маркази тиббии «Веданта»
15. Дармонгоҳи стоматологии «Ёрманд»
16. Дармонгоҳи стоматологии «Vita».

**Вилояти Суғд (шаҳри Хуҷанд):**

1. Шабакаи дармонгоҳҳои «Лукмони Ҳаким»
2. Дармонгоҳи «Тибби Аҷам»
3. Дармонгоҳи стоматологии «Садаф Суғд»
4. Маркази ташхисию шахсии «Табибони Шавкат»
5. Дармонгоҳи стоматологии минтақавӣ.

**Вилояти Хатлон (шаҳри Бохтар):**

1. Маркази ташхису табобати «Даво».

**шаҳри Кӯлоб:**

1. Беморхонаи вилоятии ба номи Ҳақназаров А.
2. Маркази вилоятии стоматологии шаҳри Кулоб.

- Ташрифи духтур ба хона дар дохили шаҳри Душанбе амал мегирад
- Барномаи мазкур қабули маъюбонро ба хизматрасонӣ пешбинӣ намекунанд.
- Барномаи мазкур барои мизоҷони аз 3 то 75 сола хизматрасонӣ мерасонанд.
- Коэффисиентҳои афзоиш барои шахсони аз 60 – сола боло пешбинӣ шудаанд.

Бо барномаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ҷуброн карда мешавад:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

# 1. ТАБОБАТИ АМБУЛАТОРӢ

1.1. Машварати мутахассис аз рӯйи нишондодҳо:

- Духтури умумӣ
- Духтури дил
- Гӯш, гулу ва бинӣ
- Духтури занона
- Уролог
- Асабшинос
- Осебшинос
- Ҷарроҳ
- Сироятшинос
- Духтури чашм
- Духтури пӯст: танҳо дерматити шадид, захмгирии сироятии пӯст (стрептодермия).
- Духтури рагҳо
- Аллерголог
- Духтури кӯдакон
- Дандонпизишк (терапевт, ҷарроҳ, ортопед).

Хизматрасониҳои табиби оилавӣ ва ҳамшираи шафқат дар дармонгоҳ: муоина, ташхис, таъинот, додани дорухат, додани роххат барои муоина ва машварат бо мутахассисон, мувофиқа намудани муроҷиат берун аз шабака, назорати рафти табобат дар беморхона.

Хизматрасонӣ дар хона:

- Хизматрасонии духтурони оилавӣ, агар Суғурташаванда мустақилона ба дармонгоҳ муроҷиат карда натавонад;
- Тадқиқоти ташхиси лабораторӣ (хунсупорӣ, таҳлили экспресс барои санҷиши қанд дар хун, таҳлили умумии хун), ЭКГ дар хона, машварат бо мутахассисон дар хона;
- Амалҳои табобатӣ тибқи таъиноти табиби оилавӣ;
- Сарпарастии ҳамшираи шафқат пас аз табобат дар беморхона: латабандӣ, сӯзандору.

**Эзоҳ:** Ҳодисаи суғуртавӣ мавҷудияти нишондодҳо, яъне мавҷудияти беморӣ мебошад, ки дар натиҷаи он шахси Суғурташуда маҷбур шудааст, ки ба мутахассис муроҷиат намояд. Муроҷиат ба духтур бо мақсади пешгирӣ ё муоина бидуни мавҷудияти аломатҳои беморӣ ҳодисаи суғуртавӣ намебошад.

**Санҷишҳои лабораторӣ – ташхисӣ**

Аз ҷониби мутахассисони дар боло зикршуда мувофиқи нишондодҳо бо мақсади муайян кардан ё аниқ кардани ташхис, мувофиқи стандартҳои тандурустӣ ва нишондодҳои қатъӣ таъин карда мешаванд.

| | |
|---|---|
| – Таҳлили умумии хун + тромбоситҳо<br>– Таҳлили гемоглобин<br>– Таҳлили умумии пешоб<br>– Таҳлили пешоб бо усули Ничипоренко<br>– Таҳлили пешоб бо усули Зимнитский | – Трансаминаза АСТ<br>– Санҷиши тимоловӣ<br>– Сафедаи умумӣ<br>– Албумин<br>– ГГТ |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- Таҳлили пешоб барои пигментҳои талха
- Таҳлили пешоб барои атсетон
- Протеинурияи ҳаррӯза
- Молишак барои флора
- Копрограмма
- Таҳлили наҷосат барои хуни ниҳонӣ
- Лахташавии хун
- Длительность кровотечения / Давомнокии хунравӣ
- Индекси протромбини
- фибриноген
- тромботест
- Вақти қисман фаъолшудаи тромбопластинӣ
- МНО
- Коагулограмма/коагулограмма
- Тромбиновое время / вақти лахтшавии хун
- Гормоны щитовидной железы: Т3, Т4, ТТГ, Ат к ТГ и ТПО (не более 2 раз за в год) / Ҳормонҳои ғадуди сипаршакл: Т3, Т4, ТТГ, Ат ба ТГ ва ТПО (на зиёда аз 2 маротиба дар сол)
- Тестирование на ВИЧ, анализ R-W (сифилис), гепатит С и гепатит В один раз в год / Ташхиси барои ВНМО, R-W (сифилис), гепатит С ва гепатит В як маротиба дар сол.
- Глюкоза крови/Қанди хун
- Қанд дар пешоб
- Трансаминаза АЛТ
- Холестерини ва фраксияҳои он
- Триглисеридҳо
- Сафедаи С-реоктивӣ
- Санҷиш бо усули Ваалер Роуз
- Анитистрептолизин
- Антителаҳо ба пептиди ситрулини сиклӣ
- Фактори ревматоидӣ
- Алфа Амилазаи хун
- Алфа Амилазаи пешоб
- Липаза
- Фосфатазаи ишқорӣ
- Фосфатазаи турш
- Креатинин
- Мочевина
- Калий
- Магний
- Калсий
- Оҳан
- Руҳ
- Азоти боқимонда
- Қобилияти Филтратсионии гурда
- Ишқори пшоб
- Кишти фазои бактерияҳо
- Билирубин ва фраксияҳои он
- Билирубини ҳақиқӣ
- Ҳиссиётнокӣ нисбати антибиотикҳо.
- Ҳормонҳои ҷинсӣ: Тестостерон, Пролактин, ФСГ, ХЧГ, Эстрадиол, Прогестерон, ЛГ (ду маротиба дар сол).
- Д – димер, Витамин Д, Витамин В12, Ферритин ду маротиба дар сол.

**1.3. Усулҳои ташхиси асбобӣ:**

1.3.1. Аз тарафи мутахассисони дар боло зикршуда, бо мақсади муайян кардан ё аниқ намудани ташхис, бо мувофиқа ба стандартҳои тандурустӣ ва нишондодҳои катъи таъин карда мешавад.

- ТУС узвҳои коси хурд
- ТУС гурдаҳо
- УС гурдаҳо бо доплер
- ТУС узвҳои ковокии шикам: ҷигар, ғадуди зери меъда, талхадон
- ТУС ковокии шикам бо муайян намудани қобилияти узвҳо
- ТУС дигар узвҳо
- ТУС гиреҳҳои лимфотикӣ
- колпоскопия
- СБД
- ЭХОКГ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- Тадқиқоти рентгенӣ (ғайр аз усулҳои контрасти рентгенӣ ва тадқиқот бо санҷишҳои фуксионалӣ.
- СБД шабонарузӣ
- Фонокардиография
- Муоинаи гастроскопии меъда
- Фолликулометрия
- Муоинаи эндоскопии дигар узвҳо
- Тадқиқотҳои махсус ҳангоми бемориҳои чашм/гӯш
- Томографияи компютерӣ (ТК) – на бештар аз 2 маротиба дар давоми муҳлати амали Шартнома
- Томографияи магнити-резонансӣ (ТМР) – на бештар аз 2 маротиба дар давоми муҳлати амали Шартнома

**1.4. Корҳои ташхисию табобатӣ ва гузаронидани манипулятсияҳо дар сатҳи амбулаторӣ**

1.4.1. Аз тарафи мутахассисони дар боло зикршуда, бо мақсади муайян кардан ё аниқ намудани ташхис, мувофиқи стандартҳои тандурустӣ ва нишондодҳои қатъи таъин карда мешавад.

- Бастубандӣ дар шароити амбулаторӣ.
- Гузоштани бандинаи гаҷӣ.
- Кушодани бандинаи гаҷи.
- Гирифтани ҷисми бегона аз чашм/гӯш.
- Шустушӯи таҷвифҳои гуногун дар режими амбулаторӣ.
- Фатилагузории захмҳо.
- Обияткашии ковокии буғум.
- Обияткашии узвҳои дохилӣ.
- Обияткашии ҷаъфҳо.
- Тазриқи дохилибуғумӣ.
- Тазриқи мавзеи себаки чашм.
- Ҷароҳии хурд дар сатҳи амбулаторӣ (пучак, панаритсий, гирифтани нохун).
- Кушодани фасодҳо.
- Шустушӯи захм ва гузоштани кӯкҳо.

## 2. ТАБОБАТИ СТОМАТОЛОГӢ

2.1. Муолиҷаи дандонпизишкӣ танҳо бо нишондодҳои қатъии фаврӣ, ки бо ҳуҷҷатҳои тиббӣ ва усулҳои асбобии ташхисӣ тасдиқ шудаанд:

- Пур кардани кариеси дараҷаи миёна.
- Пур кардани кариеси дараҷаи чуқур.
- Гузоштани пурракунии муваққатӣ.
- Табобат каналҳо бо хамираҳо.
- Амалиёти канда гирифтани дандонҳо (оддӣ ва мураккаб) барои мақсадҳои табобатӣ, ҳангоми бемориҳои шадид ва авҷ гирифтани бемориҳои музмин (аз ҷумла дандонҳои ширӣ).
- Кандани дандонҳои доимӣ ба воситаи ҷарроҳӣ.
- Бедардкунии аппликатсионӣ, намудҳои бедаркунии тазриқӣ.
- Муолиҷаи пародонт.
- Муолиҷаи алвеолит.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- Гузоштани малҳамбандӣ.
- Бартараф кардани асаби дандон.
- Тоза кардани дандонҳо (ду маротиба дар сол).
- Молидан бо доруҳои фтордор.

## 3.ТАБОБАТИ БЕМОРХОНАВӢ

3.1. Табобати дар беморхонавӣ аз рӯйи нишондодҳои қатъии таъҷилӣ, ки бо ҳуҷҷатҳои тиббӣ ва усулҳои асбобӣ тасдиқ карда шудааст

3.1.1. Бемориҳои дарунӣ, ки бистарикунонии таъҷилиро ба беморхона талаб мекунанд:

- Бактерияҳо ва вирусҳои сироятӣ, бо заҳролудшавии шадид, ки бо баландшавии чандкаратаи ҳарорати бадан аз 39.0 ва аз он баланд ба воситаҳои табпасткунанда тобовар, пастшавии фишори хун, синдроми табларза, аз ҳуш рафтан, зараёбии узвҳо ва бофтаҳо, ки бо таҳқиқоти функсионалӣ тасдиқ карда шудааст.
- Шадид шудани бемориҳои музмини қаблан мавҷудбудаи ба ҳаёт таҳдидкунанда, ки бистарикунии таъҷилӣ дар беморхонаро талаб менамояд: ҳамаи намудҳои кома, ОНМК (ихтилоли шадиди мағзи сар ё садамаи шадиди мағзи сар), стенокардияи ноустувор, норасоии шадиди дил, ҳолати астматикӣ, ҳолати эпилептикӣ, хунравии меъдаю рӯда, хурӯҷи бемориҳои эндокринологӣ ва дигар бемориҳои бо Суғуртакунанда мувофиқашуда.
- Интоксикатсия, дар натиҷаи заҳролудшавии шадид.

3.1.2. Бемориҳои ҷарроҳӣ, ки дахолати фаврии ҷарроҳиро талаб мекунанд:

- Табобати ҷарроҳии якум ва дуюми захм бо гузоштани кӯкҳо
- Дахолати ҷарроҳии хурд, ки ҳамчун табобати симптоматикӣ ва паллиативӣ барои бемориҳои узвҳо ва системаҳои гуногун дар заминаи беморхона анҷом дода мешаванд (пунксияи холигоҳи шикам ва плевра, дренажкунӣ, трахеотомия, коникотомия ва ғ.)
- Операции на органах брюшной полости:
  - Аппедитсит
  - Ҷарроҳӣ дар талхадон ва каналҳо (лапаротомики, лапароскопики)
  - Ҷарроҳии меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта
  - Ҷарроҳӣ дар дигар ҷойҳои рӯда
  - Ҷарроҳии ғадуди зеримеъда ва каналҳо
  - Ҷарроҳи дар ҳолати захмӣ шудани узвҳои дарунӣ дар натиҷаи ҷароҳатҳои ҷисмонӣ
- Ҷарроҳии узвҳои қафаси сина:
  - Ҷарроҳии сурхрӯда ва гулӯ
  - дар қафаси сина
  - Дахолати ҷарроҳӣ ба бофтаҳои шуш ва шохаҳои бронхҳо
  - Дахолати ҷарроҳӣ ба перикард ва мушакҳои дил (танҳо осеби дил)
- Ҷарроҳии узвҳои коси хурд:
- Ҷарроҳии замимаҳо ва пайвандҳои бачадон
- Ҷарроҳии бачадон
- Ҷарроҳии гурда ва роҳҳои пешоб
- Ҷароҳати мобайни пойҳо бо осеби узвҳои дарунӣ
- бе осеби узвҳои дарунӣ
- Ҷарроҳии дигар узвҳо бо мувофиқаи Суғуртакунанда.

3.1.3. Дахолати таъҷилии тиббӣ дар вақти гирифтани ҷароҳат:

- Гузоштани бандинаи гаҷӣ.
- Муолиҷаи шикастаҳо бо роҳи остеосинтез ва пинҳи дохили устухон.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– Муоличаи шикастаҳо бо роҳи остеосинтез бо пластинаи устухон.
– Муолиҷа дар беморхона дар ҳолати гирифтани ҷароҳати вазнин, бо осеби вазнин дар зиеда аз 2 ҷой.
– Муолиҷа дар беморхона бо ҷароҳати сӯхта дар ҳолати осеби на зиёда аз 50% сатҳи бадан:
  – масоҳати аз 10 то 15% то дараҷаи IIIA
  – масоҳати аз 10 то 15% то дараҷаи III
  – масоҳати то 20% ҳангоми дараҷаи на зиёдтар аз IIIA
  – масоҳати то 20% ва дараҷаи IIIБ
  – масоҳати то 30% новобаста аз дараҷа
  – масоҳати то 40% новобаста аз дараҷа
  – масоҳати то 50% новобаста аз дараҷа.

## 4. ТАЪМИНОТИ ДОРУВОРӢ

4.1. Доруворихои тиббӣ танҳо бо нишондодҳои қатъӣ, мувофиқи стандартҳои муолиҷаи беморӣ, ки барои он доруворӣ таъин гардидааст.

**Ҷуброн карда намешаванд:**

– доруворихои хобовар;
– доруворихои психоактивӣ;
– доруҳои гомиопатӣ;
– Витаминҳо ва комплексҳои витаминӣ, ба истисноии витаминҳои парентералӣ;
– Ситостатикҳо;
– Комплексҳои минералӣ, ки бе осебҳои ҷароҳатии системаи устухону мушакҳо таъин гардидааст;
– Доруворихои гормоналӣ;
– Доруворихои бо мақсади муолиҷа ва назорати бемориҳое таъин мегарданд, ки ба категорияи «Истисно аз Барномаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ» шомиланд, ҷуброн карда намешаванд.

## 5. МУОИНАИ ТИББИИ ПЕШГИРИКУНАНДА

5.1. Муоинаи профилактикӣ маҷмӯи тадбирҳоест, ки ба ошкор ва пешгирии бемориҳо дар марҳилаҳои аввал, инчунин ба таври умум беҳтар намудани саломатии бемор (соле як маротиба) нигаронида шудааст.
5.2. Муоинаи профилактикӣ метавонад тартиб ва таҳқиқоти зеринро дар бар гирад:
5.2.1. Таҳқиқоти лабораторӣ:
  – таҳлили умумии хун.
  – таҳлили умумии пешоб.
  – санҷиши биохимиявии хун (глюкоза, сатҳи холестирин ва ғ.).
  – санҷишҳо барои сироятҳо (агар лозим бошад).
  – электрокардиография (ЭКГ).
  – муоинаи ултрасадоӣ (ультрасадо) узвҳои дохилӣ.
  – флюорография ё рентгени сина.
5.2.2. Муоинаи мутахассисони махсус (вобаста ба синну сол ва ҷинси бемор):
  – гинеколог (барои занон).
  – уролог (барои мардон).
  – духтури дандон.
  – духтури чашм.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– оториноларинголог.

5.2.3. Машваратҳои мутахассисон:

– терапевт
– кардиолог
– эндокринолог
– уролог ё гинеколог
– невролог.

6. Хизматрасониҳои ба рӯйхати муқаррарнамудаи Барномаи мазкур дохил нашудаанд, инчунин хизматрасониҳои ба таври возеҳ ҳамчун истисно нишон дода шудаанд, дар доираи Барномаи мазкур пешниҳод ва/ё ҷуброн карда намешаванд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №4
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ

**<u>НАМУНА</u>**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

# ПОЛИСИ СУҒУРТАВӢ

## СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ТИББӢ

Силсила: ___________ Рақам: ___________

Суғуртакунанда: ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»

Иҷозатномаи ______________ аз ҷониби БМТ дода шудааст

Суғурташаванда: ________________________________________________________________

Суроға: ________________________________________________________________

Мухлати амал: аз «_____» ________________ с.20 ______ то «_____» _____________ с.20_

Объекти суғурта: ________________________________________________________________

Маблағи суғуртавӣ: ______________________________________________________________

Тарифи суғуртавӣ: _______________________________________________________________

Мукофоти суғуртавӣ: _____________________________________________________________

Ҳудуди амали полиси суғуртавӣ: ___________________________________________________

Санаи барасмиятдарории полиси суғуртавӣ: ________________________________________

**СУҒУРТАШАВАНДА: бо Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ шинос шудам ва розӣ мебошам.**

| | |
|---|---|
| ИМЗО | НОМИ ҲУҚУҚИИ (НОМУ НАСАБИ) СУҒУРТАШАВАНДА |

**СУҒУРТАКУНАНДА (НАМОЯНДАИ СУҒУРТАКУНАНДА)**

| | | |
|---|---|---|
| ВАЗИФА | ИМЗО | НОМ ВА НАСАБ |

**АЛОҚА БО МО:**

+992 44 601 7997 / 7979 / +992 918 20 7997

**Телефони боварии БМТ:** (+992) 44 600 15 20

info@spitameninsurance.com www.spi.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

QR-кодро сканер намуда дар месенҷерҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба мо нависед.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT